Source: RFE/RL, "Касе намедонад, ки кай ҷавони рустабори Кӯлоб ҷиҳодӣ шуд [No One Knows When a Young Ethnic Russian from Kulob became a Jihadi]," 2 December 2009, **http://www.ozodi.org/content/a-russian-speaking-muslim-from-tajikistan-killed-in-syria/26718488.html**

Unofficial translation by **@eTajikistan**

Tuesday, 2 December 2014

**TAJIKISTAN**



Dilshod Qurbonov and his wife, Nastya

# No One Knows When A Young Ethnic Russian from Kulob Became a Jihadi.

An ethnic Russian 28-year-old young man from Kulob was killed in the war in Syria.

01.12.2014

Dilshod Qurbonov, a dual citizen of Tajikistan and Russia, who was raised in a Russian family environment under the supervision of his Russian grandmother, was recently killed in Syria. **Yusuf Vasiliev**, [Dilshod's] father, who is mourning over the news of his son's death in the village of Toqakappa in the Dahanai Kulob *jamoat*, expresses wonderment as to how Dilshod went to war in Syria and died there.

Dilshod Qurbonov, son of Yuri Vasiliev, in memory of his paternal grandfather, was given a Tajik name.

According to Yuri Vasiliev, his son, following the advice of his Russian grandmother whom he was taking care of in the past few years, married a women named **Nastya** in Rostav na Donu [in Russia] form whom he has two small sons named Alisher and Daler. Despite the fact that his wife, Nastya, had not accepted Islam, she agreed last year to come to Tajikistan with her

husband for circumcision of their 6- and 8-year-old sons. Dilshod's father claims that his son had probably gone to Syria after the Ramazon Holiday, i.e. by August [2014], since contact with his family in Kulob had stopped at the same time: "He was with his Russian grandmother. His personality was totally Russian. How he suddenly changed and who took him to Syria are unknown to us. When he would come to Tajikistan from Russia, we never saw him pray. He did not contact us starting in August. It was only government officials who came to us and told of his death and we are now mystified."

Dilshod's father, Yuri Vasiliev, says that his daughter-in-law had been in contact with him a month ago and asked about the whereabouts of her husband: "Nastya asked us if there were any news of Dilshod? We told her that we do not have any news. He had told his wife that he was going to Tajikistan. Sometimes he would call her and his last contact with Nastya was a month ago."

Our efforts to contact Dilshod's wife were not achieved. She did not respond to our many calls during the preparation of this story. Yuri, as well, has not been able to contact Nastya again. **Abdurauf Boboev** from Kulob, who knows this family well, says: "After hearing about the death of his son, Yuri is constantly drinking and we always see him drunk. He used to drink in the past as well, but not to this degree."

Local officials claim that the participation of this young man in the war in Syria has worried them immensely. According to **Nazarali Zokirov**, deputy to the Dahanai Kulob *jamoat*, he knows the family of this young man well and he too is befuddled by [Dilshod] having become an extremist. He says that the thoughts of this young man likely changed in Russia since in Tajikistan all of the people close to him knew him as a young person free from any extremist views. "This is a modern family. Whatever happened happened in Russia. We spoke with all his relatives and friends. All were surprised and did not believe this. I think that he fell into some circles in Russia and his ideas became as such."

At the same time, **Chinigul Azizova**, a teacher of Dilshod, praised him as a studious student of Russian language. Ms Chinigul said: "Dilshod used to travel frequently to Russia to visit his grandmother and knew Russian better than everyone else in school. He was also a good student in other subjects. He had finished high school with good grades."

Dilshod is the only [known] young ethnic Russian from Kulob to be killed in Syria. Security officials in Kulob have confirmed the death of this young man. According to the most recent information of Kulob's security officials, 17 people are participating from Kulob in the Syrian wars.

The websites supposedly linked to Tajik worriers in Syria have published 15 other photos of young people next to the photo of "Ibrohim" (Dilshod), who according to them were "martyred". The identities of the remainder of the young people [from Kulob in Syria] are unknown. According to officials in Tajikistan, the number of Tajik citizens who are fighting in Syria, is around 300. It is estimated so far that at least 50 citizens of Tajikistan have died in the wars against the regime of Bashar Asad in that far distanced Arab country.

Сешанбе, Декабр 02, 2014

**Тоҷикистон**

## Касе намедонад, ки кай ҷавони рустабори Кӯлоб ҷиҳодӣ шуд.

Як ҷавони 28-солаи рустабори сокини Кӯлоб дар ҷангҳои Сурия кушта шудааст.




Дилшод Қурбонов ва ҳамсараш Настя

Тозатарин илова: 01.12.2014 18:19

Шаҳрванди Тоҷикистон ва ҳамзамон Русия Дилшод Қурбонов, ки дар як муҳити хонаводагии русӣ ва зери назари модаркалони русаш ба воя расидааст, ахиран дар Сурия кушта шуд. Падараш **Юрий Василев**, ки хабари марги писар ӯро дар деҳаи Тоқакаппаи ҷамоати Даҳанаи Кӯлоб ба ғам нишондааст, изҳори ҳайрат мекунад, ки чӣ тавр шуд Дилшод ба ҷанги Сурия рафту дар он ҷо ҷон дод.

Дилшод Қурбонов - писари Юрий Василев ба ифтихори бобои падарии худ бо номи тоҷикӣ номгузорӣ шудааст.

Юрий Василев мегӯяд, писараш дар Ростови лаби Дон бо тавсияи модарбузурги русаш, ки чанд соли охир дар парастории ӯ буд, бо духтаре ба исми **Настя** хонадор шуда, аз ӯ соҳиби ду писарча бо номи Алишер ва Далер шудааст. Бо вуҷуди оне ки ҳамсараш Настя дини исломро напазируфта будааст, аммо соли гузашта розӣ шуд, то бо шавҳараш ба Тоҷикистон омада, писарони 6 ва 8-солаашро хатна кунад. Падари Дилшод мегӯяд, эҳтимол фарзандаш пас аз Иди Рамазон, яъне моҳи август ба Сурия рафта бошад, зеро тамосаш аз ҳамон вақт бо хонаводааш дар Кӯлоб канда шуд: *"Ӯ бо момаи русаш буд. Характераш тамоман русӣ буд. Якбора чи хел тағйир ёфт ва кӣ ӯро ба Сурия бурд, барои мо номаълум аст. Вақте аз он ҷо ба Тоҷикистон меомад, мо намозхониашро намедидем. Аз моҳи август дигар бо мо тамос намегирифт. Фақат намояндагони мақомот омада ба мо аз ҳалокаташ хабар доданд ва то ҳол ҳайронем."*

Юрий Василев, падари Дилшод мегӯяд, келинаш як моҳ пеш бо ӯ дар тамос шуда, куҷо будани шавҳарашро пурсидааст: *“Настя аз мо пурсид, ки оё аз Дилшод хабаре ҳаст ё не? Мо гуфтем, ки мо хабар надорем. Ба ҳамсараш гуфта будааст, ки Тоҷикистон меравад. Гоҳ-гоҳ ба ӯ занг мезадааст ва охирон бор ба Настя моҳи гузашта тамос доштааст.”*

Талоши мо барои тамос бо ҳамсари Дилшод бенатиҷа анҷом ёфт. Ба зангҳои бешумори мо то лаҳзаи таҳияи гузориш ӯ посухе надод. Юрий ҳам дигар натавонистааст бо Настя дар тамос шавад. **Абдурауф Бобоев,** як сокини Кӯлоб, ки бо ин хонавода наздикӣ дорад, гуфт, *"ҳоло Юрий пас аз шунидани хабари марги писараш ҳамеша шароб менӯшад ва доим ӯро маст вохӯрдан мумкин аст. Пештар ҳам менӯшид, вале ин қадар бисёр не.*"

Масъулони мақомоти маҳаллӣ мегӯянд, ширкати ин ҷавон дар ҷанги Сурия онҳоро ба шиддат нигарон кардааст. **Назаралӣ Зокиров**, муовини раиси ҷамоати Даҳанаи Кӯлоб мегӯяд, хонаводаи ин ҷавонро аз наздик мешиносад ва ӯ ҳам аз ифротӣ шудани ин ҷавон ҳайрон аст. Ӯ мегӯяд, андешаи ин ҷавон дар Русия дигар шудааст, вагарна дар Тоҷикистон тамоми афроди наздикаш ӯро як ҷавони орӣ аз андешаҳои ифротӣ медонистанд. *“Ин як хонаводаи ҳозиразамон ҳаст. Ҳар чӣ шудааст, дар Русия шудааст. Мо бо ҳамаи наздикону шиносонаш суҳбат кардем. Ҳама ҳайрон буданд ва ба ин бовар намекарданд. Гумон дорам, ки ӯ дар Русия ба дасти гурӯҳҳое афтода андешааш чунин шудааст.”*

Дар ҳамин ҳол, **Чинигул Азизова**, омӯзгори Дилшод ҳам аз ӯ ҳамчун донандаи хуби забони русӣ ситоиш кард. Хонум Чинигул гуфт: *“Дилшод зуд-зуд ба Русия ба назди модаркалонаш мерафт ва русиро дар мактаб аз ҳама хубтар медонист. Аз фанҳои дигар ҳам хонданаш хуб буд. Мактабро бо баҳои хуб хатм карда буд.”*

Дилшод, ягона ҷавони рустабори Кӯлоб аст, ки дар Сурия кушта шуд. Мақомоти интизомии Кӯлоб низ хабари ҳалокати ин ҷавонро тасдиқ карданд. Тибқи охирин иттилое, ки мақомоти интизомии Кӯлоб рӯи даст доранд, аз ин шаҳр 17 нафар дар ҷангҳои Сурия ширкат мекунад.

Сомонаҳои зоҳиран марбут ба ҷангандаҳои тоҷик дар Сурия дар баробари нашри акси “Иброҳим” (Дилшод) ҳамчунин акси 15 ҷавони дигареро нашр кардаанд, ки ба қавли онҳо “шаҳид” шудаанд. Шахсияти боқӣ ҷавонони дигар номаълум аст. Мақомоти Тоҷикистон шумори шаҳрвандони тоҷикеро, ки дар Сурия меҷанганд, ҳудуди 300 нафар мегӯянд. То кунун, бино ба ҳисобҳо, дар ҷангҳо алайҳи режими Башор Асад дар он кишвари дури арабӣ дастикам 50 шаҳрванди Тоҷикистон кушта шудаанд.